**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ XI

**Тошканд 2018**

**Мактуби эзоҳӣ**

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Organisation for Economic Cooperation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Programme for International Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Trends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

**Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV)** ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

**Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

**Дар таълими ибтидоӣ –** барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ

мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

**Омӯзиши ҳусни хат.** Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

**Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:**

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ XI
*(ҳафтае 1 соат, ҳамагӣ 34 соат)*

### СУХАНВАРӢ ВА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ОН (2 СОАТ)

Маданияти сухан – як соҳаи забоншиносӣ. Ду шохаи фанни маданияти сухан: дурустии нутқ ва фасоҳати нутқ. Алоқаи фанни маданияти сухан бо соҳаҳои дигари илми забон: бо услубшиносӣ, луғатшиносӣ, грамматика, илми бадеъ, умумият ва тафовути онҳо.

### АСРОР ВА МАДАНИЯТИ СУХАНВАРӢ (2 СОАТ)

Суханварӣ ва нигориш. Асрор ва маданияти суханварӣ. Суханварӣ ва таърихи пайдоиши он. Латофати табъ ва риояи одоб дар санъати суханварӣ.

Се усули муҳим дар офариниши сухан: риояи одоб, барангехтан, мавқеи овардани ҳуҷҷат ва далел. Таъкид бар калимоти муҳим ва тағйири садо ба таносуби калима ва ҷумла.

### МЕЪЁРИ АДАБӢ ВА МАДАНИЯТИ СУХАНВАРӢ (5 СОАТ)

Мафҳуми истилоҳи меъёри адабӣ. Меъёри овозшиносӣ ва маданияти сухан. Хусусиятҳои луғавии калима ва ҳусни баён. Калимасозӣ ва маданияти сухан. Меъёри сарфию наҳвии забон ва ҳусни баён.

Ду паҳлӯи меъёри адабӣ: устуворӣ ва тайиғирпазирии он.

**Меъёрҳои талаффузи адабӣ**. Қаринаи корбурди овози **“у”**-и (вови маъруф) ва **“у”**-и вови маҷҳул, истифодаи ноҷоии онҳо ба ивази якдигар. Меъёри истифодаи **“ё”**-и маъруф ва **“ё”**-и маҷҳул, ғалатҳо дар ин бобат.

**Меъёри луғавӣ.** Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии истеъмоли калимаю таъбирҳои омиёна ва шевагӣ дар забони адабӣ. Чараёни фаъолияти имрӯза дар боби иваз намудани унсурҳои вомии русӣ-байналмилалӣ бо ҳаммаъноҳои тоҷикӣ.

**Меъёри калимасозӣ.** Пасванди **“-ӣ”** ва мавриди сӯиистифодаи он: пасванди **“-чӣ”** ва **“-гарӣ”,** сабабҳои сӯиистифодаи онҳо дар солҳои охир: истифодаи номавриди нимпасвандҳои **-кунӣ, -шавӣ, -ёбӣ, -барӣ, -диҳӣ** дар калимасозӣ бо калимаҳои “**ангез** ва **омез”**, сохта шудани калимаҳои мураккаб, нодуруст истифода шудани онҳо ба ҷойи ҳамдигар. Бо дефис сохта шудани исм ва сифатҳои таркибӣ, ғалатҳо дар ин боб.

**Меъёри сарфӣ.** Нуқсонҳо дар корбастӣ исмҳои муайяну номуайян ва қаринаи онҳо. Интихоб ва корбасти дурусти категорияи ҷамъбандии исм, ҷонишинҳо. Усулҳои ҷамъбандии арабӣ ва сӯистифодаи онҳо дар матбуоти солҳои 90, ҷамъбандии дукарата ва иллатҳои он.

**Меъёрҳои наҳвӣ.** Қаринаҳои ҳаммаъно дар соҳаи ибораҳои исмӣ. Қолабҳое, ки бо як ва ду воситаи наҳвӣ сохта шудаанд. Қаринаҳо дар боби ибораҳои феълб. Истифодаи нобарҷои пешояндҳо ва пасояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ. Такрорӣ Навиштани иншо.

## ХУСУСИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ НУТҚ (1 СОАТ)

Навъҳои нутқ (овозӣ, ботинӣ, зоҳирӣ, диологӣ, монологӣ, шифоҳӣ, хаттӣ, адабӣ, шевагӣ, воизона, шоирона) ва хусусияти онҳо.

## ФАСОҲАТИ НУТҚ (1 СОАТ)

Фасоҳати калом ва дақиқбаёнӣ. Фасоҳати нутқ чун ҷузъи таркибии балоғати нутқ. Фасоҳат ва балоғати нутқ. Қисмҳои балоғат. Омилҳои нутқ фасеҳ. Истифодаи санъатҳои бадеӣ ва оҳанг – интонатсияи муассир дар нутқи фасеҳ.

## РАВШАНИИ НУТҚ (1 СОАТ)

Ифодаи равшан ва ҳамафаҳми фикр чун муҳимтарин аломати нутқи фасеҳ. Махсусияти нутқи равшан дар шохаҳои мухталифи услубҳои нутқ.

## БАМАВРИДИИ НУТҚ (1 СОАТ)

Мақоми хосаи нутқи бамаврид дар байни навъҳои нутқи фасеҳ. Интихоб ва корбасти воситаҳои забон дар ин хели фасоҳати сухан мувофиқи мақсад ва вазъият. Ҳикмати “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” чун пояи ташаккули нутқи бомаврид.

## ТОЗАГИИ НУТҚ (1 СОАТ)

Тозагии нутқ ва мувофиқатии он ба меъёрҳои адабӣ. Таъсири мутақобилаи калимаҳои вомӣ дар нутқи тоза. Унсурҳои барзиёдатӣ дар нутқ. Иҷрои машқҳо аз диди маданияти сухан.

## КӮТОҲИИ НУТҚ (1 СОАТ)

Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ. Омилҳои таъмингару кӯтоҳбаёнӣ.

## ДОРОӢ ВА РАНГОРАНГИИ НУТҚ ( 1 СОАТ)

Дороӣ ва рангорангии нутқ чун яке аз умдатарин сифатҳои иртиботи нутқ. Дороӣ ва рангорангии забони асарҳои бадеӣ ва илмии устод Садриддин Айнӣ.

## ИФОДАНОКӢ ВА ВОСИТАҲОИ ТАСВИР ДАР НУТҚ (5 СОАТ)

Нутқи бадеӣ ва обрзнокӣ дар он. Унсурҳои таъмингари ифоданокии нутқ. Ифодаҳои услубӣ: эпитет, метафора, монандӣ, метаномия, муболиға, киноя,

таъриз. Мақоми  забони асари бадеӣ  дар ҳайати забони адабӣ. Ичрои машқҳо аз диди маданияти сухан.

## ТАНЗИМИ СУХАН Ё  ХУД СУХАНПАЙВАНДӢ (2 СОАТ)

Панҷ омили муҳими суханпайвандӣ (даромади сухан, тарҳи матлаб ва тақсимоти он, нақли воқеа, исботи муддао ва ҳалли шаклҳо, фурӯди сухан ва ҳусни хотима). Таъсири суханронӣ бар ҳадафи шунаванда. Тарзи баёни афкор. Машқи овоз ва нафаскашӣ. Ичрои машқҳо аз диди маданияти сухан.

## КОРБАРӢ БО ҲУҶҶАТ ВА САНАДҲОИ РАСМӢ (2 СОАТ)

Аннотатсия. Тақриз.
**Такрор ва чамъбасти мавзӯъҳои омӯхташуда  (1 соат)**
**Кори санчишӣ  (2 соат)**

**Барои омӯзиши мавзӯъҳо – (28 соат)**
**Такрор ва чамъбасти мавзӯъҳои омӯхташуда   (1 соат)**
**Кори санчишӣ – (2 соат)**
**Чамъ: (34 соат).**

# АДАБИЁТ СИНФИ Х1
# (68 соат, ҳар як ҳафта 2 соат)

### Сарсухан. Нақши адабиёт дар чомеа  (1 соат)

Адабиёти бадеӣ дар шгуду камолоти маънавии инсон воситаи асосӣ мебошад. Аҳамияти адабиёт дар соҳиби фазилатҳои беҳтарин, ба сифати шахси озод ва мустақил ташаккулёбии ӯ ва худтарбиякунияш.

## I. АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОЧИК (45 СОАТ)

### Садриддин Айнӣ (4 соат)

Маълумот оиди ҳаёт ва фаъолияти эчодии адиб. Маҳорати нависандагии Айнӣ. Мақоми Айнӣ дар пешрафти адабиёти точик. Ҳисси ватандӯстӣ ва башаргароӣ дар осори Айнӣ

### Абулқосим Лоҳутӣ  (3 соат)

Ҳасби ҳоли шоир. Фаъолияти шоирии Лоҳутӣ. Оворагиҳои зиндагӣ. Саҳми Лоҳутӣ дар адабиёти точик ва дастгирии чавонони эчодкор.

**Пайрав Сулаймонӣ (2 соат)**

Ҳасби ҳоли шоир ва фаъолияти эҷодии ӯ. Шеърҳои бо сабки нав сурудаи Пайрав. Таҳлили ашъори ӯ.

**Ҳабиб Юсуфӣ (2 соат)**

Тарҷумаи ҳол ва фаъолияти эҷодии Ҳабиб Юсуфӣ дар солҳои сиюм. Мавзӯи даъват ба ҳифзи Ватан ва тасвири қаҳрамонии фарзандони мардуми мо дар мубориза ба муқобили фашизм.

**Мирзо Турсунзода (3 соат)**

Эҷодиёти М. Турсунзода дар охири солҳом 40-ум ва панҷоҳум. Тарануми сулҳу дӯстии халқҳо дар силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ва дигар ашъори шоир. Эҷодиёти солҳои 60-уми М. Турсунзода. Маҳорати достонсароии Турсунзода. Тасвири ҳаёти халқ дар достони «Чароғи абадӣ».

**Сотим Улуғзода (3 соат)**

Зиндагином ва осори адиб.Маҳорати нависандагии Улуғзода. Осори насриву драмавии ӯ. Композитсияи асар.

**Ҷалол Икромӣ (3 соат)**

Заминаҳои навишта шудани сегонаи адиб, мавқеи нависанда дар ташаккули насри муосири тоҷик; инъикоси таҳаввулоти сиёсӣ дар зиндагии иҷтимоии аморати ибтидои садаи бистум аз нигоҳи нависанда.

**Фазлиддин Муҳаммадиев (3 соат)**

Масъалаи маънавият ва ахлоқи муосирон дар повестҳои «Шоҳии япон» ва «Варта»-и Ф. Муҳаммадиев. Таҳлили характери инсон дар ҳикояҳои "Даъво" ва "Рӯзи дафни Усто Оқил".

**Мӯъмин Қаноат (3 соат)**

Тараннуми табиат ва зебоиҳои он дар шеърҳои тасвирии Муъмин Қаноат. Инъикоси мавзӯи ватандӯстӣ ва ҳимояи Ватан дар достони «Сурӯши Сталинград». Инъикоси таърихият ва шинохти шахсияти Сино дар достони «Гаҳвораи Сино».

**Лоиқ Шералӣ (3 соат)**

Мавзӯи таърихият, худогоҳиву худшиносӣ дар ашъори солҳои 90-уми Лоиқ. Тараннуми васфи зан ва модар дар ашъори Лоиқ Шералӣ.

**Бозор Собир (3 соат)**

Тарҷумаи ҳол ва осори Бозор Собир. Тасвири ифтихори миллӣ ва ватанхоҳӣ дар шеърҳои даврони Истиқлолияти Бозор Собир. Таҳлили шеърҳои тасвирии ӯ.

**Саттор Турсун (2 соат)**

Тарҷумаи ҳоли нависанда. Инъикоси рӯзгори халқ ва маънавиёти ҳамзамонон дар ҳикояҳои Саттор Турсун. Тасвири проблемаҳои таърихӣ ва рӯйдодҳои замони муосир дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва дигар асару романҳои нависанда, ки дар даврони Истиқлолият инишор шудаанд.

**Фарзона (2 соат)**

Маълумот оиди ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоира. Васфи зан ва модар, қадру манзалати занон дар ашъори Фарзона. Ашъори ба манзараҳои табиат бахшидаи шоира.

**Меҳмон Бахтӣ (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти Меҳмон Бахӣ. Нақши ададиб дар рушди назм, наср ва драматургияи тоҷик. Мавзӯи таърихият ва худшиносӣ дар асарҳои М. Бахтӣ.

**Абдулҳамид Самадов (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулҳамид Самадов. Таҳаввули эҷодии нависанда баъди солҳои навад.

**Баҳманёр (2 соат)**

Тарҷумаи ҳоли нависанда. Инъикоси рӯзгори халқ ва маънавиёти ҳамзамонон дар ҳикояҳои Баҳманёр. Маҳорати эҷодии адиб.

**Кори назоратӣ. Иншо ва таҳлили он (2 соат)**
**Такрор (1 соат)**

## II. АДАБИЁТИ ТОҶИКИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (11 СОАТ)

**Ташаккули назм дар замони истиқлолият (4 соат)**

Истиқлоли ӯзбекистон ва чун шохаи алоҳида ривоҷ ёфтани адабиёти тоҷик дар таркиби адабиёти Ӯзбекистон. Маълумот оиди ҳавзаҳои адабии адабиёти тоҷик. Таҳаввул ва такомули шеъри тоҷикӣ дар ин давра. Намояндагони он.

**Ташаккули наср дар замони истиқлолият (4 соат)**

Инкишофи наср дар баробари назм дар замони истиқлол. Тарғиби мавзӯъҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида,

анъанаҳои миллӣ дар асарҳои насрии адибони тоҷик. Намояндагони он.

**Кори назоратӣ. Иншо ва таҳлили он (2 соат)**
**Такрор (1 соат)**

## III. АДАБИЁТИ ЎЗБЕК (4 СОАТ)

### Эркин Воҳидов (2 соат)

Ҳасби ҳоли Э. Воҳидов. Мероси адабии шоир. Маҳорати суханофарии шоир. Қирраҳои ба худ хоси лирикаи Э. Воҳидов.

### Ўткур Ҳошимов (2 соат)

Ҳасби ҳол ва фаъолияти адабии нависанда. Тасвири ҷонноки модар, писар ва образҳои дигар дар бобҳои аз қиссаи "Корҳои дунё" гирифташуда. Хусусиятҳои бадеии асар. Нишон додани меҳнати бекиёси модар дар ҳаққи фарзанд.

## IV. АДАБИЁТИ ҶАҲОН (4 СОАТ)

### Гёте (2 соат)

Тарҷумаи ҳол ва фаъолияти эҷодии адиб. Гёте ва Ҳофиз. Гёте-шефтаи адабиёти тоҷик. Мазмун ва мундариҷаи "Девони Ғарбиву Шарқӣ".

### Сергей Есенин (2 соат)

Ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Алоқамандии Есенин бо адабиёти Шарқ. Муносибати ӯ бо мардуми мо. Есенин ва ўзбекистон. Таҳлили шеърҳои шоир.

**Кори назоратӣ. Иншо ва таҳлили он (2 соат)**
**Такрор (1 соат)**

**Асарҳои муҳим барои дар синф ва мустақилона хондан ва ҳифз кардани донишомӯзон:**

"Ёддоштҳо"-и Айнӣ.
Шеъру достонҳои Лоҳутӣ.
"Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро"-и Ҷалол Икромӣ.
"Ривояти суғдӣ"-и С. Улуғзода.
Ашъори Пайрав Сулаймонӣ.
Ашъори Ҳабиб Юсуфӣ.
Ашъори М. Турсунзода.
Ҳикоя ва повестҳои Ф. Муҳаммадиев.
"Се рӯзи як баҳор"-и С. Турсун.
Ҳикояҳои Абдулҳамид Самадов.
"Мавҷҳои Днепр"-и Муъмин Қаноат.

Ашъори лирикии Бозор Собир.
"Куллиёт"-и Лоиқ.
"Девон"-и Фарзона.
Адабиёти замони истиқлол.